33852 - Ҳукми моле, ки бо роҳи ҳаром ба даст оварда мешавад

савол

Оё дуруст аст, ки марде, ки молашро бо касбу корҳои ҳаром, ба монанди фурӯши шароб, истеҳсоли он, фурӯши маводи мухаддир ва ё паҳн кардани он ҷамъ кардааст, агар ба сӯи Аллоҳ тавба кунад, моли ӯ ҳалол мешавад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар дар вақти ба даст овардани пули ҳаром медонист, ки он ҳаром аст, пас он мол бо сабаби тавба ҳалол намегардад, балки бояд онро дар роҳҳои хайр ва амалҳои нек сарф намуда, аз он халос шавад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.